Дар бораи тасдиқ намудани
Дастурамал “Оид ба ҳисоб ва
пардохти андоз аз арзиши иловашуда”

Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дастурамал “Оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда” бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2009, №67 “Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал “Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда”, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2009, №520 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Зербанди б) банди 1 Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2012, №15-Ф “Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои эъломияҳо ва ҳисобҳои андоз”, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2012, таҳти №546 “б” ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, хориҷ карда шавад.

7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**